**ХУЛОСАИ**
**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои таърих (07.00.15-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ), профессор Мирзоев Н.М. (раиси комиссия), доктори илмҳои сиёсӣ (07.00.15-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ) Муродова Н.С. (аъзо) ва доктори илмҳои таърих (07.00.15-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ) Комилова Х.Ғ. (аъзо) диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Нуралиро дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, хулосаи худро чунин пешниҳод менамояд.

1. Диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мубрам ва дорои аҳамияти илмӣ мебошад. Дар диссертатсия муаллиф паҳлуҳои гуногуни мавзуъро мавриди баррасӣ қарор додааст. Махсусан, муаллиф мақоми Талбак Назаровро дар соҳаи дипломатияи тоҷик ба таври мушаххас таҳлилу баҳогузорӣ намуда, қайд кардааст, ки дар солҳои душвори таҳкими истиқлол, хомӯш намудани муноқишоти дохилӣ, баланд бардоштани мавқеъ ва мартабаи давлат дар арсаи ҷаҳонӣ, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, беҳтар кардани муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи кишвар бо давлатҳои хориҷию созмонҳои байналмилалӣ ва ҳалли бисёр масоили мушкили давлатдорӣ дар паҳлуи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба нафъи бақои ин сарзамин хизматҳои шоёнеро ба анҷом расонидааст.

Ҳамзамон, дар замони муосир омӯзиши зиндагиномаи ҳар як шахсиятҳои сарсупурдаи миллат ва чеҳраҳои баргузидаи миллати тоҷик бисёр муҳим ва амри воқеӣ мебошад. Зеро дар замони муосир омӯзиш ва бузургдошти шахсият ва фаъолияти фарзандони маъруфи миллати тоҷик

аз замонҳои қадим то даврони муосир ба як амрӣ воқеӣ табдил ёфтааст. Чи тавре ки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд: «Омӯхтани рӯйдодҳои таърихиву фарҳангӣ, зиндагиномаи шахсиятҳои сарсупурдаи миллат ва чеҳраҳои баргузидаи адабӣ имкон медиҳад, ки решаҳои худро аз гузашта дарёфт намоем, бо онҳо пайванд доштани хешро эҳсос карда, ба хотири номуси ватандорӣ ном ва корномаҳои онҳоро аз нав зинда гардонем ва ба фарзандони халқи далерамон бо ифтихор дар бораашон ҳарф занем».

Аз ин рӯ, омӯзиш, таҳлил ва натиҷагирии саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр мубрам буда, дар шароити соҳибистиқлолии кишвар на танҳо аҳамияти илмӣ-назариявӣ, балки илмӣ-амалиро низ доро мебошад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона омода шуда, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад. Ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз интихоби мавзуъ, муайян кардани мубрамии он, муайянсозии мақсад ва иҷрои вазифаҳо бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудааст. Муҳаққиқ дар раванди кор вобаста ба саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон адабиёту сарчашмаҳои илмию оммавиро мавриди таҳқиқ қарор дода, бо олимону ҳамкорон, шогирдон ва худи ӯ вохӯриву суҳбатҳои муҳим анҷом дода, хулоса ва тавсияҳоро пешниҳод намудааст. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусиятҳо, диссертатсияи омодашударо кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

3. Мазмун ва муҳтавои таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 07.00.15-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, №24/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқарраroти диссертатсия дар 7 мақолаи илмии маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаи

илмӣ дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ интишор гардидаанд, ки ҳамаи онҳо фарогири мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода А.Н. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё сарчашма мавҷуд набуда, ҳамаи манбаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд, ки мувофиқ ба меъёрҳои муқарраргардида нисбат ба корҳои илмӣ мебошад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Раҷабзода А.Н. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд нест.

Комиссияи экспертӣ дар асоси талаботи банди 60-и «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих), ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотияшон ва мақолаҳои таълифкардаашон ба ихтисоси 07.00.15-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ мешниҳод менамояд:

- доктори илмҳои таърих, профессор Сайидзода Зафар Шералӣ;
- номзади илмҳои таърих Шарифзода Саидҳомид Сафар.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия,**
доктори илмҳои таърих, профессор — Мирзоев Н.М.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои сиёсӣ — Муродова Н.С.

доктори илмҳои таърих,
Сардори шуъбаи илм, инноватсия, муносибатҳои байналмилалӣ ва табъу нашри филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе — Комилова Х.Ғ.

Имзои Мирзоев Н.М. ва Муродова Н.С.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

Имзои Комилова Х.Ғ.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсуси филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе — Пирназар С.М.

07.03.2025